СУРАТМАҶЛИСИ № 35
Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

22 - юми ноябри соли 2025 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ огоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. **Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоди такрории диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи «Амнияти ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Шоназар (раис), доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (аъзо), доктори илмҳои сиёсӣ профессор Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи «Амнияти ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Шоназар;
- доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф;
- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.